Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Айни 37, www.tnu.tj, e-mail: tgnu@mail.rj).

Тақриз

ба автореферати Раззоқова Гулбаҳор Ҳаётовна дар мавзӯи “Самаранокии иқтисодии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, муомилоти пул ва қарз.

Дар шароити кунунӣ аксари корхонаҳои кишоварзии Тоҷикистон нарасидани захираҳои молиявиро ҳис менамоянд. Онҳо наметавонанд воситаҳои асосии худро бо дастовардҳои нави илмӣ-техникӣ иваз намоянд ва маҷбуранд ба бонкҳо барои гирифтани қарз муроҷиат намоянд. Аз сабаби баланд шудани арзиши қарз корхонаҳо маҷбуранд роҳи дигари ҳалли масъаларо ёбанд, ки он лизинг ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки тибқи лизинг нисбат ба қарз сарфаи 10 фоиз маблағ аз арзиши воситаи асосии гирифташуда ба даст меояд. Ҳолати имрӯзаи иқтисодиётӣ Тоҷикистон зарурати гирифтани воситаҳои асосиро бо шартҳои лизинги молиявӣ тақозо менамояд. Лизинг аз як тараф масъалаи корхонаҳои кишоварзиро, ки барои такмилдиҳии истеҳсолот маблағҳои кофӣ надоранд ва бонкҳо, ки ба хоҷагиҳои кишоварзӣ бо сабаби паст будани қобилияти пардохтпазирӣ қарз доданӣ нестанд ҳал менамояд. Аз ин ҷо интихоби мавзӯъ хеле зарур аст.

Ӯ тавонистааст таҳқиқи асосҳои назариявии самаранокии лизинги молиявӣ, моҳият ва шаклҳои зоҳиршавии он дар иқтисодиёт омӯхта, хусусиятҳои ташаккулёбиҳои рушди хизматрасонии лизинги молиявӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ муайян намудааст. Дар асоси даққиқ намудани методикаи ҳисоби пардохтҳои лизингӣ ва таҳлили таҳавулоти бозори лизинги молиявӣ дар хориҷа роҳҳои ташаккули механизми рушди лизинги молиявиро тавассути рушди хизматҳои лизинги молиявӣ, ҳамчун механизми ҷалби

сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникӣ пешниҳод намудааст.

Дар баробари оне, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбиро дорост, инчунин камбудиҳо ва хатогиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд қайд намуд:

1. Хуб мебуд самаранокии лизингри молиявиро дар мисоли хоҷагии алоҳида ҳисоб карда, бартарии онро нисбат ба қарзи бонкӣ баҳо дода мешуд.
2. Ташкили хизматрасонии техникӣ дар шароити кунунии майдамолӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ яке аз роҳҳои беҳтар намудани сохторҳои лизингӣ шуда метавонист, ки дар диссертатсия ҷои худро наёфтааст.

Вале ин камбудиҳо наметавонанд ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ расонанд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Раззоқова Гулбаҳор Ҳаётовна дар мавзӯи "Самаранокии иқтисодии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз пешниҳод шудааст ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
.и.и.(аз рӯи ихтисосӣ 08.00.05-"Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: қтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) -), дотсенти кафедраи аҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ "ДДХ ба номи академик Ғафуров" А.А. Абдураҳимов

Нишонӣ: 735700. ш.Хуҷанд, кучаи Мавлонбеков 1, бинои асосӣ.

мзои Абдураҳимов А.А. – ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ " ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Ашрапова З.Н.

.01.2020 с.